**Тавзеҳот**
**оид ба дурнамои самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2023**

**Заминаи ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи дурнамои самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2023.**

Нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2023 дар асоси муқаррароти моддаҳои 35, 36, 37 ва 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №116-ф ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, омода гардида, марҳилаи аввали таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2023 маблағгузории самтҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии кишвар, бахусус бахшҳои афзалиятдошта, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудаанд, ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин тадбирҳои дар барномаҳои миллӣ, консепсияҳо ва дигар барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии барои давраи миёнамуҳлат пешбинишуда ва нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пайомадҳои таъсири пандемияи бемории сироятии коронавируси  COVID-19 ба инобат гирифта шудаанд.

Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2021 – 2023 барои амалӣ намудани муҳимтарин ҳадафҳои кишвар, аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва ҳамзамон зиёд намудани иқтидорҳои содиротӣ, саноатикунонии босуръат ва коҳиш додани вобастагӣ бозори дохила аз молҳои воридотӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва амнияти кишвар, тавсеаи имкониятҳои транзитии ҷумҳурӣ, инчунин дар сатҳи тавсияшуда таъмин намудани устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, равона шудааст.

**Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраи миёнамуҳлат.**

Мутобиқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдо (минбаъд ВРИС) дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2021- 2023 бо дарназардошти вазъи иқтисодиёти ҷаҳон ва кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ), бахусус иқтисодиёти шарикони асосии тиҷоратии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо, пайомадҳои иҷтимоию иқтисодии паҳншавии пандемияи бемории сироятии COVID-19, тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонии молию ашёӣ ва тамоюлоти рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар солҳои охир, минҷумла дар семоҳаи якуми соли 2020 таҳия шудааст.

Тибқи ин баҳодиҳӣ ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ дар соли 2020 ба 83,5 млрд сомонӣ ва рушди воқеии он ба 4,7 фоиз баробар мегардад.

Пешбинӣ шудааст, ки дар соли 2020 соҳаи саноати кишвар 112,1 фоиз, кишоварзӣ 7,0 фоиз, гардиши савдо 3,6 фоиз, аз ҷумла гардиши савдои чакана 3,9 фоиз нисбат ба соли 2019 бо ифодаи аслӣ рушд ёфта, омили асосии рушди кишвар дар соли 2020 мегардад.

Дар соли 2021 Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ҳаҷми 92,7 млрд сомонӣ бо афзоиши воқеии 7,6 фоиз, барои соли 2022 дар ҳаҷми 103,0 млрд сомонӣ бо афзоиши воқеии 7,8 фоиз ва барои соли 2023 дар ҳаҷми 115,1 млрд сомонӣ бо афзоиши воқеии 8,0 фоиз пешбинӣ шудааст.

Дурнамои рушди соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ дар давраи миёнамуҳлат бо нишондиҳандаҳои зерин пешгӯӣ шудааст. Аз ҷумла:

- ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ дар соли 2021-ум 37,8 млрд сомонӣ (афзоиши воқеӣ 113,7 фоиз нисбат ба соли 2020), солҳои 2022-2023 мутаносибан 44,8 млрд сомонӣ (бо афзоиши воқеӣ 114,0 фоиз) ва 52,6 млрд сомонӣ (афзоиши воқеӣ 115,6 фоиз);
- ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ бо нархҳои муқоисавӣ барои солҳои 2021-2023 мутаносибат дар ҳаҷми 31,8 млрд сомонӣ, 34,4 млрд сомонӣ ва 37,3 млрд сомонӣ бо рушди воқеии 7,0, 7,0 ва 7,1 фоиз;
- ҳаҷми боркашонӣ тавассути ҳамаи намуди нақлиёт сарфи назар аз шакли моликият барои соли 2021 дар ҳаҷми 90,9 млн тонна ва солҳои 2022-2023 мутаносибан дар ҳаҷми 96,2 ва 107,3 млн тонна;
- ҳаҷми мусофиркашонӣ тавассути ҳамаи намуди нақлиёт дар соли 2021 дар ҳаҷми 681,8 млн мусофир, соли 2022-юм 735,9 млн мусофир ва барои соли 2023-юм 797,0 млн мусофир;

- ҳаҷми умумии маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли 2021-ум 13,4 млрд сомонӣ, соли 2022 бошад 15,0 млрд сомонӣ ва дар соли 2023-юм 16,3 млрд сомонӣ;

- ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ 4,9 млрд доллари амрикоӣ ва дар солҳои 2022-2023 мутаносибан 5,2 ва 5,5 млрд доллари амрикоӣ бо гардиши воқеии савдои хориҷӣ дар соли 2021 -ум 8,4 фоиз ва дар солҳои 2022-2023 мутаносибан 5,4 ва 4,7 фоиз, аз он:

- ҳаҷми содирот дар соли 2021 ба маблағи 1,3 млрд доллар (суръати афзоиши воқеӣ 7,5 фоиз) ва дар солҳои 2022-2023 мутаносибан 1,4 ва 1,5 млрд доллари амрикоӣ;

- ҳаҷми воридот дар соли 2021 ба маблағи 3,6 млрд доллари амрикоӣ (суръати афзоиши воқеӣ 8,8 фоиз) ва дар солҳои 2022-2023 мутаносибан 3,8 ва 4,0 млрд доллари амрикоӣ;

- ҳаҷми умумии гардиши савдо барои соли 2021 дар ҳаҷми 40,6 млрд сомонӣ бо суръати афзоиши воқеии он 7,5 фоиз, барои солҳои 2022-2023 мутаносибан 48,5 млрд сомонӣ ва 56,8 млрд сомонӣ бо суръати рушди солона 108,9 ва 110,8 фоиз;

- сатҳи таваррум дар соли 2021 дар сатҳи 6,9 фоиз ва солҳои 2022-2023 мутаносибан 6,8 ва 7,1 фоизӣ.

**Нишондиҳандаҳои асосии ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ.**

Дурнамои нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлатӣ барои солҳои 2021 - 2023 бо дарназардошти рушди нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ барои ин давра, муқаррароти кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо заминаҳои мавҷудаи андозбандию имтиёзҳои пешбинишуда, тамоюли ташаккули маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин ҷалби сармояи хориҷӣ таҳия шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ба ҳолати 1 июни соли 2020 таҳти таъсири омилҳои манфӣ ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар сатҳи 84,8 фоизи нақша ё ба маблағи 8,1 млрд сомонӣ таъмин гардид, ки нисбат ба нақша 1,4 млрд сомонӣ кам мебошад.

Даромади ҷории буҷет дар сатҳи 86,1 фоиз нақша иҷро гардида, ба буҷет 6,6 млрд сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 1,0 млрд сомонӣ кам аст.

Дар 5 моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби Кумитаи андоз ба буҷет 4,1 млрд сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 977,9 млн сомонӣ кам мебошад. Аз ҷониби Хадамоти гумрук ба буҷет 2,2 млрд сомонӣ ворид

карда шуд, ки он нисбат ба нақша 44,5 млн сомонӣ кам маблағ ворид карда шуд.

Нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ дар ин давра 83,4 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 3,8 млрд сомонӣ маблағ ворид гардид, ки ин нисбат ба нақша 759,9 млн сомонӣ кам мебошад.

Тамоюли коҳишёбии нишондиҳандаҳо аз моҳи апрели соли ҷорӣ шуруъ гардида, мутаассифона ин раванд ва паёмадҳои манфии он идома дорад.

Дар соли 2021 ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ 27,3 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ дар ҳаҷми 20,2 млрд сомонӣ, грантҳо барои дастгирии буҷет 300,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 2,1 млрд сомонӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 4,7 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Маҷмӯан ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2020-ум 4,8 фоиз зиёд буда, ба 29,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар соли 2021-ум баробар мебошад.

Ҳаҷми умумии даромади ҷории буҷети давлатӣ дар соли 2021 бо дарназардошти амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба пешгирии пайомадҳои пандемияи бемории сироятии COVID-19, аз ҷумла тадбирҳои дар доираи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020, №1544 пешбинишуда, аз қабили сабукиҳо ва имтиёзҳои андозиву гумрукӣ барои ҳимоя ва дастгирии бахши хусусӣ, муваққатан пешниҳод гардидани таътили андозӣ ба субъектҳои соҳибкории соҳаҳои гуногун ва дигар тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, тарҳрезӣ шудааст.

Даромади ҷории буҷети давлатӣ бе дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 20,2 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои андозӣ 18,8 млрд сомонӣ ва даромадҳои ғайриандозӣ 1,4 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст. Афзоиши даромади ҷории буҷети давлатӣ нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2020-ум 990,0 млн сомонӣ ё 5,2 фоиз ва нисбат ба ММД соли 2021-ум 21,8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2021 воридоти маблағҳо аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакии муассиса ва ташкилотҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 2,1 млрд сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Дар муқоиса бо ҳамин нишондиҳандаи соли 2020 ҳаҷми он ба андозаи 4,9 фоиз ё ба маблағи 100,1 млн сомонӣ афзоиш дода шудааст, ки ин устувории базаи молиявии муассисаҳои буҷетиро инъикос менамояд. Нақшаи воридоти маблағҳои махсус мавриди баррасии лоиҳаи буҷети давлатӣ дар комиссияи байниидоравӣ оид ба таҳияи буҷет таҷдиди назар карда мешавад.

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ азхудкунии маблағҳо дар ҳаҷми 4,7 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ 2,4 млрд сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои грантӣ 2,3 млрд сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2020 ба маблаға 155,8 млн сомонӣ ё 3,4 фоиз зиёд буда, ба 5,0 фоизи ММД-и соли 2021 баробар мебошад.

Нишондиҳандаҳои дурнамои мазкур вобаста ба амалӣ гардидани "Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016–2020" ва ҷалб гардидани маблағҳои иловагӣ дар доираи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ, кишварҳои донор ва сармоягузорони эҳтимолӣ таҷдиди назар карда мешавад.

**Самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат**.

Хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2021 барои марҳила ба марҳила амалӣ гардидани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, татбиқи афзалиятҳо ва самтҳои нави сиёсати давлатӣ, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа шудаанд, инчунин ҷиҳати иҷрои барномаҳои миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва таъмини фаъолияти сохторҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, равона гардидааст.

**Буҷети заминавӣ.** Барои солҳои 2021 - 2023 мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, буҷети заминавӣ аз рӯи соҳаҳо таҳия карда шуд.

Дар соли 2021 ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети заминавӣ 26,4 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки он ба 28,5 фоизи ММД-и баҳодиҳишудаи соли 2021 баробар мебошад.

Буҷети заминавӣ нишондиҳандаи ҳисобӣ барои ташаккули буҷет, ки самтҳои асосии хароҷот (нигоҳдории фаъолияти сохторҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ), лоиҳа ва барномаҳоеро ташкил медиҳад, ки маблағгузории онҳо дар солҳои гузашта шуруъ гардида, хароҷот барои афзалиятҳо ва самтҳои нави сиёсати давлатиро дарбар намегирад.

**Нишондиҳандаҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат.** Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2021 аз

ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 27,8 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ба 30,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Дар сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2021 бо дарназардошти аз 1 сентябри соли 2020 зиёд гардидани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ барои пардохти музди меҳнат 5,9 млрд сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 28,1 фоизи ҳаҷми хароҷоти ҷории соли 2021-ро ташкил медиҳад.

Афзоиши фонди музди меҳнат дар соли 2021 аз ҳисоби зиёд намудани музди кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 15 фоиз ва музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Зиёдшавии хароҷоти дигари буҷети давлатӣ ҳамагӣ 500,4 млн сомониро ташкил медиҳад, ки ин аз ҳисоби зиёд гардидани нафақа, хароҷот ҷиҳати рӯйпӯш намудани фарқияти қурбӣ барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатӣ, пардохти аъзоҳаққиҳо ва хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳаҷми маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ дар соли 2021 барои идомаи сохтмон ва барқарорсозии иншоотҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла иншоотҳои соҳаи энергетика, коммуналӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ гардида, дар сатҳи маблағгузории тасдиқшудаи соли 2020 ба нақша гирифта шудааст. Ҳаҷми маблағгузориҳо бо ин мақсад 3760,4 млн сомониро ташкил дода, ба 4,1 фоизи ММД баробар мебошад.

Дар сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ харҷи маблағҳо аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 4,7 млрд сомонӣ бо афзоиши 155,8 млн сомонӣ ё 3,4 фоиз нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2020 ба нақша гирифта шудааст.

Дар баробари ин, бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Хазинаи Байналмилалии Асъор ва таъмини мувозинати буҷети давлатӣ, хароҷоти маблағҳо дар соли 2021 аз ҳисоби хароҷоти ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2020-ум 700,0 млн сомонӣ кам пешбинӣ гардидааст.

**Хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи гурӯҳбандии вазифавии буҷетӣ.**

**Бахши ҳокимият ва идоракунии давлатӣ.** Дар соли 2021 барои маблағгузории бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо хароҷоти 1,5 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети давлатӣ 1,1 млрд

сомонӣ, маблағҳои махсус 212,2 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 128,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар лоиҳаи буҷети соли 2021 нисбат ба соли 2020 маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бо дарназардошти зиёдшавии музди меҳнат 58,3 млн сомонӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ 1,7 млн сомонӣ зиёд гардида, дигар хароҷот 14,9 млн сомонӣ кам пешбинӣ карда шудааст.

**Соҳаҳои иҷтимоӣ.** Дар сохтори хароҷотии буҷети давлатӣ соҳаҳои иҷтимоӣ бахши афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар соли 2021 барои маблағгузории ин соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 13,1 млрд сомонӣ бо афзоиши 11,9 фоиз пешбинӣ шудааст. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 47,2 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 14,2 фоизи ММД-ро ташкил менамояд.

**Аз ҷумла, соҳаи маориф.** Дар соли 2021 ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаи маориф 5,5 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 4,3 млрд сомонӣ бо афзоиши 14,3 фоиз, маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 931,1 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 350,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст. Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи мазкур нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 545,0 млн сомонӣ ё 10,9 фоиз зиёд мебошад.

**Соҳаи тандурустӣ.** Хароҷоти соҳаи тандурустӣ барои таъмини афзалиятҳои зерин, аз ҷумла пешгирӣ, ташхис ва табобати саривақтии бемориҳои дилу рагҳо, амалӣ намудани маблағгузории сарикасии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи миллӣ ва мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пешбинӣ карда шудааст.

Хароҷоти соҳаи мазкур барои соли 2021 дар ҳаҷми 2,1 млрд сомонӣ бо афзоиши 12,2 фоиз ба нақша гирифта шуда, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1,7 млрд сомонӣ, маблағҳои махсус 295,6 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 67,9 млн сомонӣ ташаккул дода мешавад.

**Соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ.** Маблағгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2021 ба маблағи 4,4 млрд сомонӣ бо афзоиши 537,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ба 4,8 фоизи ММД баробар мебошад.

Хароҷоти соҳаи мазкур аз рӯи афзалиятҳо барои таъмини саривақтии нафақа ва кумакпулиҳо ба аҳолӣ, беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти протезию ортопедӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли ватании воситаҳои техникии тавонбахшӣ, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои будубоши доимӣ (статсионарӣ) бо таҷҳизоти тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ

ва рушди заминаҳои иттилоотӣ ва таъмини дастрасии табақаҳои аҳолии осебпазир ба кумакҳои иҷтимоӣ равона мегардад.

**Соҳаи фарҳанг ва варзиш.** Дар соли 2021 маблағгузории соҳаи фарҳанг ва варзиш бо дарназардошти афзалиятҳои соҳавӣ, аз ҷумла ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик, рушди санъати театрӣ, санъати сирк дар ҷумҳурӣ татбиқи барномаҳои соҳаи варзиш, инчунин китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо, ансамблҳо, маҷмааҳои давлатӣ, телевизионҳо, матбуоти даврӣ, нашриётҳо ва дигар муассисаҳое, ки гузаронидани чорабиниҳои умумиҷумҳуриявиро амалӣ мегардонад, пешбинӣ гардидааст.

Бо дарназардошти афзалиятҳои соҳавӣ ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш дар соли 2021 ба маблағи 1,1 млрд сомонӣ бо афзоиши 9,7 фоиз пешбинӣ карда шудааст. Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш ба 1,2 фоизи ММД баробар мегардад.

**Соҳаҳои воқеии иқтисодиёт.** Ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат ҳадафҳои афзалиятдоштаи кишвар буда, амалӣ шудани тадбирҳо дар ин самт зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Бинобар ин, дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар 8,2 млрд сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. Афзоиши хароҷот барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт нисбати буҷети тасдиқшудаи соли 2020-ум 11,6 фоиз буда, ба 8,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли 2021 баробар мебошад.

Хароҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиётро асосан маблағгузории асосии мутамарказ (2,7 млрд сомонӣ) ва ҷалби сармоягузориҳои беруна (3,9 млрд сомонӣ) ташкил менамояд ва манбаъҳои мазкур 81,2 фоизи хароҷоти умумии соҳаро ташкил медиҳад.

**Соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист.** Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 1,2 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ 667,9 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 66,0 млн сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 471,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки маҷмӯан хароҷоти соҳа нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 25,0 млн сомонӣ кам мебошад. Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳа ба 1,3 фоизи ММД баробар мебошад.

Дар хароҷоти умумии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ дар ҳаҷми 171,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

**Соҳаи сӯзишворию энергетикӣ.** Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат барои соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ 4,4 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 2,2 млрд сомонӣ, барномаҳои давлатии сармоягузорӣ 2,2 млрд сомонӣ ва маблағҳои махсус 5,1 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Маблағгузории соҳа нисбат ба соли 2020 ба маблағи 450,7 млн сомонӣ зиёд буда, 4,7 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Афзоиши маблағгузории соҳа нисбат ба соли 2020 асосан аз ҳисоби барномаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 450,8 млн сомонӣ тарҳрезӣ шудааст.

Аз маблағҳои пешбинигардида барои рушди соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ 2,2 млрд сомонӣ ҳамчун маблағҳои мутамарказ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ равона карда мешавад.

**Соҳаи кишоварзӣ.** Барои таъмини амнияти озуқаврии кишвар дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 маблағи 547,5 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 217,9 млн сомонӣ, лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 298,6 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 30,9 млн сомонӣ, пешбинӣ гардидааст, ки маҷмӯан хароҷоти соҳа 0,6 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад.

**Соҳаи саноат ва сохтмон**. Дар буҷети давлатии соли 2021 барои рушди соҳаҳои саноату сохтмон 230,7 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 227,3 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 3,4 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ барои соҳаи саноат ва сохтмон 105,9 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2020 бе тағйир мебошад.

**Соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия.** Дар соли 2021 ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар ҳаҷми 1,8 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 782,2 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 44,8 млн сомонӣ, лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ 977,5 млн пешбинӣ гардидааст.

**Маблағгузории асосии мутамаркази давлатӣ.** Ҳаҷми заминавии маблағгузориҳои мутамаркази буҷети давлатӣ дар соли 2021 аз рӯи соҳаҳо 3,7 млрд сомонӣ ва ҳадди ниҳоии он дар ҳаҷми 3,8 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои асосии мутамарказ 2,9 млрд сомонӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ ва 820,6 млн сомонӣ аз тавассути буҷетҳои маҳаллӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин 4,1 фоизи ММД ва 13,5 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатии соли 2021-ро ташкил медиҳад.

**Хизматрасонӣ ва идоракунии қарзи давлатӣ.** Барои дар сатҳи мӯътадил нигоҳ доштани қарзи давлатӣ ва хизматрасонӣ аз рӯи онҳо, барои солҳои 2021 – 2023 маблағҳои зарурӣ пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2021 барои хизматрасонии қарзи дохилии давлатӣ аз ҳисоби хароҷоти ҷории буҷети давлатӣ 382,8 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз он пардохти фоизҳо 130,0 млн сомонӣ ва пардохти қарзи асосӣ 252,8 млн сомониро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 2,3 млрд сомонӣ ба нақша гирифта шуда, аз он пардохти қарзи асосӣ 1,5 млрд сомонӣ ва пардохти фоизҳо 817,1 млн сомониро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки пардохти фоизҳо аз рӯи хизматрасонии қарзи беруна дар ҳаҷми 861,1 млн сомонӣ ва 844,9 млн сомонии қарзи асосии беруна аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин карда мешавад.

Хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ дар ҳаҷми 546,2 млн сомонӣ аз ҳисоби корхонаҳои давлатӣ, ки барои рушди онҳо таҳти кафолати давлатӣ маблағҳои қарзӣ ҷалб шудааст, бояд амалӣ карда шавад.

**Касри буҷет.** Дар соли 2021 касри ҷории Буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 459,3 млн сомонӣ ва ё 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли мазкур пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ин, касри васеи буҷети давлатӣ бо дарназардошти қарзи баргардонишавандаи давлатӣ 1,1 млрд сомониро ташкил менамояд, ки аз он касри буҷети соли 2021-ум 459,3 млн сомонӣ ва қарзи давлатии асосии берун аз тавозун 642,0 млн сомониро дар бар мегирад. Касри васеи буҷети давлатӣ ба 1,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Барои дарёфти манбаъҳои пардохти касри буҷети соли 2021 дар ҳаҷми 459,3 млн сомонӣ ва қарзи давлатии асосии берун аз тавозун 642,0 млн сомонӣ бояд ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳои грантӣ барои дастгирии буҷети давлатӣ идома дода шавад.

Дар баробари ин корхонаҳои давлатӣ, ки барои рушди онҳо таҳти кафолати давлатӣ маблағҳои қарзӣ ҷалб шудааст, уҳдадориҳои молиявии худро дар назди Вазорати молия пурра таъмин намоянд.

**Хавфҳои эҳтимолии иҷро нагардидани нишондиҳандаҳои асосии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат (2021 -2023)**

Иҷрои нишонидаҳандаҳои асосии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад. Ҳамзамон ин омилҳо паёмадҳои эҳтимолии зиёди манфӣ ва хавфҳои фискалӣ доранд.

Аз ҷумла:

- вазъи иқтисодии кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурӣ дар иртибот ба паёмадҳои манфии пандемияи бемории сироятии COVID-19 ва тадбирҳое, ки аз ҷониби онҳо дар ин самт роҳандозӣ мегардад;

- пурра фаъолият накардани соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вобаста ба ин таъмин нагардидани дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва нақшаи қисми даромадҳои дохилии буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат;

- нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ барои таъмини нишондиҳандаҳои пешбинишудаи қисми даромади буҷет дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар;

- коҳишёбии воридоти маблағҳо аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба қобилияти харидории аҳолӣ, воридот ва гардиши мол;

- афзоиш наёфтани музди меҳнат ва расман зиёд нагардидани шумораи коргарон, ки манбаи андозбандии андози даромад ва андози иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, тағйир наёфтани омори шахсони расман бекор;

- иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявӣ дар назди буҷети давлатӣ аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ, ки таҳти кафолати давлатӣ барои рушди онҳо маблағҳои қарзӣ ҷалб шудааст (барои маълумот, аз ҳисоби иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявии корхонаҳои давлатӣ дар назди буҷети давлатӣ аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ дар соли 2019-ум 375,0 млн сомонӣ ва дар панҷ моҳи соли 2020-ум 249,8 млн сомонӣ барои рӯйпӯш намудани уҳдадориҳои молиявии корхонаҳои давлатӣ дар назди созмонҳои байналмилалӣ аз ҳисоби маблағҳои нақшавии буҷети давлатӣ пардохт карда шудааст);

- иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявӣ дар назди буҷети давлатӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидории кишвар вобаста ба пардохти дивидентҳо, бонуси обунавӣ ва бақияпулиҳои андозӣ;

- ба маротиб зиёд гардидани сарбории буҷети ҷумҳуриявӣ вобаста ба пардохти моддаҳои ҳимояшаванда дар ҳудуди кишвар, хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ вобаста ба иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявӣ дар назди буҷети давлатӣ аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ ва

маблағгузории маҷмӯии иншооти НБО “Роғун” танҳо аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ.

**Нишондиҳандаҳои асосии даромад, хароҷот ва касри буҷети давлатӣ барои давраи миёнамӯҳлат (солҳои 2022 - 2023).**

Дар асоси дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо таҳия шудааст даромади умумии буҷети давлатӣ дар соли 2022 дар ҳаҷми 30,0 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар сохтори ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ барои соли 2022 даромади ҷорӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет 22,2 млрд сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 2,2 млрд сомонӣ ва маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5,6 млрд сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии хароҷот дар соли 2022 дар ҳаҷми 30,5 млрд сомонӣ, аз ҷумла 22,8 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, 5,6 млрд сомонӣ маблағҳои лоиҳаҳои давлатии ва 2,1 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ тарҳрезӣ шудааст.

Касри буҷет дар соли 2022 барорбар ба 0,5 фоизи ММД ё ба маблағи 513,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳаҷми умумии даромад дар соли 2023 ба маблағи 32,4 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет 24,0 млрд сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 2,3 млрд сомонӣ ва аз ҳисоби маблағои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 6,1 млрд сомонӣ баҳодиҳӣ шудааст.

Хароҷоти умуми буҷети давлатӣ дар соли 2023 дар ҳаҷми 32,9 млрд сомонӣ, аз ҷумла 24,6 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, 6,1 млрд сомонӣ маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва 2,3 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ пешбинӣ шудааст.

Касри буҷет барои соли 2023 баробар ба 0,5 фоизи ММД ё ба маблағи 556,4 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Нишондиҳандаҳои мазкур пешакӣ буда, бо дарназардошти тағйир ёфтани вазъи иқтисодию молиявӣ, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024 таҷдиди назар карда шуда, аз нав пешниҳод карда мешаванд.